# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи унвонҷӯ Раҳимов Ҷамшед Хуҷамуродович дар мавзуи “Ташаккули донишҳои одитарини физикии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди таълими математика” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D010200 - Педагогика ва методикаи таълими ибтидоӣ (илмҳои педагогӣ)**

Диссертатсияи Раҳимов Ҷамшед Хуҷамуродович ба мавзуи мубрами рӯз ташаккули донишҳои одитарини физикии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди таълими математика бахшида шудааст. Дар натиҷаи таҳлили адабиёти педагогӣ, психологӣ, илмӣ-методӣ ва матбуоти даврӣ муаллиф ба хулосае омадааст, ки ташаккули донишу мафҳумҳои физикиро зимни омӯзиши математика дар синфҳои ибтидоӣ оғоз намудан мумкин аст, ки ин ба ташаккулёбии асоси методии сохтори ташаккули донишҳои одитарини физикии хонандагони синфҳои ибтидоӣ, ки дар натиҷаи таҳқиқот пайдо шудаанд, боиси бунёди шавқу ҳавас ба омӯзиши курси системанокии физика гардидааст.

Дар ҳамин замина, Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмонро ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ёдовар мешавем, ки дар он қайд гардидааст: «Солҳои 2020-2040 омӯзиш ва рушди фанҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ дар соҳаи илму маориф» эълон гардидааст, ки ин иқдом боз афзалияти омӯзиши фанҳои табиӣ-математикиро тақвият мебахшад.

Таҳлили адабиёти психологӣ-педагогӣ ва методӣ нишон медиҳад, ки дараҷаи коркарди амалисозии робитаи байнипредметии фанҳои табиӣ-математикӣ, ки ташаккули донишҳои одитарини физикиро дар синфҳои ибтидоӣ ҳидоят менамояд. Бинобар ин, масъалаи таҳқиқотиро мавзуи «Ташаккули донишҳои одитарини физикии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди таълими математика» дарбар мегирад.

Дар кор барои дарёфти мақсад, объект, предмет ва фарзияи таҳқиқот, масъалаҳои таҳқиқот саҳеҳ ва мухтасар ифода ёфтаанд. Омӯзиш ва таҳлили адабиёт оид ба мазмун ва мундариҷаи робитаи байнифаннии предметҳои табиӣ-математикӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ; муайянкунии имкониятҳои математикаи синфҳои ибтидоӣ дар ташаккули донишҳои одитарини физикӣ дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ ва ғайра.

Ҳамзамон, ҳадафҳои гузошташуда истифодаи методҳои зерини таҳқиқотро пеш оварда аст:

✓ методҳои назариявии таҳқиқоти масъалаҳои методӣ (таҳлил, таркиб, ҷамъбасткунӣ, монандкунӣ ва моделсозӣ);

✓ методу шаклҳои кори озмоишӣ (марҳилаи баркароркунӣ, муайянкунӣ, ташаккулдиҳанда, мушоҳида, назарпурсӣ, тестӣ, корҳои озмоишӣ, санҷиши амалӣ, амалисозии ҳалли методии масъалаҳо).

Навгонии илмии таҳқиқотро нуктаҳои зерин ташкил медиҳанд:

✓ мазмун ва сохтори робитаи байнифаннии фанҳои табиӣ-математикӣ дар синфҳои ибтидоӣ аниқ ва дақиқ шудааст;

✓ заминаҳои имконпазири ташаккули донишҳои одитарини физикии хонандагони синфҳои ибтидоӣ зимни таълими математика ошкор гардидааст;

✓ роҳу усулҳои самараноки ташаккули донишҳои одитарини физикӣ дар раванди дарсу корҳои беруназдарсӣ дарёфт ва ҳамчун воситаи бедоркунии шавқу ҳаваси хонандагони синфҳои ибтидоӣ ба фанни физика муайян гардидааст;

✓ самаранокии системаи методҳои пешниҳодшуда дар озмоиши педагогӣ санҷида шудааст.

Аҳамияти назариявии тадқиқоти Раҳимов Ҷамшед Хуҷамуродович аз он иборат аст, ки натиҷаҳои бадастомада барои: коркарди системаи методии таълими фанҳои табиӣ-математикӣ тибқи амалисозии тамоили ҳамгироӣ ба назария ва методикаи таълими математика дар синфҳои ибтидоӣ мусоидат менамояд; ташаккул додани шавқу ҳаваси маърифатии хонандагони синни хурди мактабӣ ба физика ва омода кардани онҳо ба омӯзиши мусалсали ин

фан замина мегузорад.

Аҳамияти амалии таҳқиқоти Раҳимов Ҷамшед Хуҷамуродович иборат аз он аст, ки коркарди методии ташаккули донишҳои одитарини табиӣ дар раванди таълими математикаи синфҳои ибтидоӣ, ки дар сохтору мазмуну мундариҷаи китоби дарсӣ, дастурҳои таълимию методӣ истифодаи имконпазир дорад. Ин натиҷаро метавонанд дар омодагии муаллимониояндаи синфҳои ибтидоӣ дар донишкадаю, донишгоҳҳо ва коллеҷҳои омӯзгорӣ, инчунин дар курсҳои такмили ихтисоси муаллимони синфҳои ибтидоӣ истифода намоянд.

Ба ҳимоя нуктаҳои зерин пешниҳод мешаванд: ташаккули шарҳи олами воқеӣ дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ ҳамчун қисмати таркибии таълими фанҳои табиӣ-математикӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ; мазмуни таҳсилоти таъминкунандаи ҳамгироии фанҳои табиӣ-математикӣ, бояд тавассути амалисозии робитаи байни фанҳои табиӣ-математикӣ роҳандозӣ шавад; ташаккули донишҳои одитарини физикӣ тавассути ҳалли масъалаҳои математикии маънои физикӣ дошта амалӣ мешавад; ҳалли масъалаҳои математикии мазмуни физикидошта воситаи беҳдошти омодагии математикии хонандагони синфҳои ибтидоӣ мебошад.

Макони озмоиши педагогӣ ва татбиқи натиҷаҳои тадқиқот дар раванди таълими муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии №№7, 34, 53 ва 70-и шаҳри Душанбе, муассисаи давлатии таълимии литсейи №4 барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе ва муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии №№18, 50-и шаҳри Панҷакент ба таври озмоиши педагогӣ ба роҳ монда шуда, натиҷаҳои он таҳлилу ҷамъбаст карда шудааст.

Натиҷаҳои таҳқиқот дар 17 мақолаҳое, ки нуктаҳои асосӣ ва натиҷаҳои таҳқиқотро ифода мекунанд, аз ҷумла 5 мақолаи илмӣ дар нашриёҳои тақризшавандаи тавсияшудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА-и Федератсияи Россия тааллуқ доранд.

Автореферат пайдарпайии навишти мантиқӣ дошта, он дар сатҳи зарурии илмӣ мураттаб шуда, мазмун ва мӯҳтавои таҳқиқоти

гузаронидашударо дарбар мегирад ва мазмуну мӯхтавои автореферати кор, ки ба забони тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ таълиф гардидаанд, пурра мувофиқат дошта, мундариҷаи корро инъикос карда метавонад.

Диссертатсияи Раҳимов Ҷамшед Хуҷамуродович дар мавзуи "Ташаккули донишҳои оддитарини физикии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди таълими математика" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD аз рӯйи ихтисоси 6D010200 - Педагогика ва методикаи таълими ибтидоӣ кори илмӣ-таҳқиқотии анҷомёфта буда, ба талаботи Низомномаи КОА-и Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба Тартиб додани дараҷаи илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки ба бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, пурра ҷавобгӯ буда,муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи доктори фалсафа-PhD, аз рӯйи ихтисоси 6D010200 – Педагогика ва методикаи таълими ибтидоӣ (илмҳои педагогӣ) арзанда мебошад.

Муқарриз, номзади илмҳои педагогӣ,
сардори раёсати илм ва инноватсияи
Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос
ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф Собиров С.Ф.

10.05.2023

**Суроға:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Нисормухаммад, 15; Телефон: (992 372) 227-63-91; E.mail: s.sobirov.dti@mail.ru

«Имзои Собиров Сафарбек Фаттоховичро тасдиқ мекунам»

Сардори раёсати кадрҳо ва котибот
ДҶТИБКСМ Раҷабзода Б.